

Чамомади навбатие, ки дар Агентии таъминоти амволи махсуси назди Хукумати Чумхурии Точикистон бо иштироки масъулини ин ниход доир гардид, дар он тамоми масълахои асосии фаъолияти агентӣ вашуъбахои  дар дигар шахру навохии кишвар карордоштаи он мавриди тахлилу баррасии хамачониба   карор дода шуд.

Дар чамъомади мазкур пеш аз хама, масъалахои хочагихои кишоварзии дар тобеияти агентӣ буда,    имкониятхои афзоиш додани заминхои кишт ва парваришу хосили махсулоти кишоварзӣ баррасӣ карда    шуд.  Хамзамон, мушкилот ва масоили вобаста ба корхонахои хӯрокворию дӯзандагӣ ва бахши чорводорӣ  низ аз  тарафи ахли нишаст мавриди тахлил карор гирифт.

Дар чараёни машварати кории мазкур як катор масъулини зерсохторхои агентии мазкур вобаста ба самти   фаъолияти худ суханронӣ намуда, аз корхои анчомдода ва бурду бохти вазифахои дар наздашон    гузошташуда  маълумот доданд. Маълум карда шуд, ки дар баробари ба сомон расонидани  масъалахои пешбинишуда, инчунин дар фаъолияти баъзе аз шуъбаву корхонахои тобеъ ханӯз хам камбудихо ба назар мерасанд.

Аз ин лихоз, доир ба мушкилоти чойдошта ва роххои халли он аз тарафи иштирокчиёни чамъомад пешниходхои муфид сурат гирифт ва бахри ислоху бартараф намудани норасоихои чойдошта шахсони масъул вазифадор карда шуданд.





Яке аз масъалахои дигаре, ки дар машварати мазкур мавриди таваччухи  хозирин буд, ин захира намудани хӯрока ва омодагӣ ба давраи зимистонгузаронӣ ва таъмини саривактии кисму вохидхои харбии дар минтакахои дурдасти кишвар вокеъбуда бо махсулоти ниёзи аввалия буд. Кобили зикр аст, ки агентии мазкур фаъолияти гуногунпахлӯ дошта, сохторхои кудратии мамлакатро бо маводи хуроквориӣ, сару либоси низомӣ, пояфзол ва дигар амволи шайъӣ таъмин менамояд.